# ТАҚРИЗ

**ба автореферати дисертатсияи Холзода Сафаралӣ Бегиҷон дар мавзуи «Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D110401 – Технологияи тавлиди доруворӣ**

Таҳқиқоти муосири фитохимиявӣ барои рушди илми фарматсевтӣ дурнамои зиёд пайдо мекунонанд. Наздики 80%-и намудҳои растаниҳои флораи Тоҷикистон то ҳануз аз нигоҳи таркиби химиявӣ ва фаъолнокии фармакологиашон омухта нашудаанд. Гуногунии сохтори моддаҳои фаъоли биологии онҳо барои таҳияи маводи нави доруворӣ имкониятҳои васеъ ба миён меоранд.

Мармараки мускатӣ (Salvia sclarea L.), ки дар Тоҷикистон мерӯяд таваҷҷуҳи махсуси илмиро дорост. Растании мазкур сарчашмаи арзишманди моддаҳои фаъоли биологие мебошад, ки таъсири табобатии мухталиф доранд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло, мавзуи кори диссертатсионии Холзода Сафаралӣ Бегиҷон «Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», масъалаи мубрам мебошад.

Натиҷаҳои ба даст омада барои васеъ намудани номгӯи растаниҳои доруворӣ ва шаклҳои дору дар асоси онҳо замина ба вуҷуд меоранд, ки барои рушди фарматсия ва тибби Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Мақсади кори тақризшаванда таҳияи таркиб ва технологияи капсулаҳо мебошад, ки дар таркибашон моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатии дар Тоҷикистон рӯяндаро доранд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки маротибаи аввал таркиб ва технологияи капсулаҳо дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатии дар Тоҷикистон рӯянда таҳия шудаанд.

Тибқи натиҷаҳои таҳқиқоти фарматсевтӣ стандартизатсияи ашёи хоми мармараки мускатӣ аз рӯйи миқдори флаваноидҳо ва кислотаҳои гидроксиқаҳвагӣ гузаронида шудааст.

Аҳамияти илмию амалии кори тақризшаванда аз таҳияи экстракти хушки мармараки мускатӣ ва шаклҳои дору дар асоси он – капсулаҳо таҳти номҳои шартии названиями «Салвифрон, 200 мг ЭХММ» и «Салвинорм, 300 мг ЭХММ» иборат аст.

Шаклҳои дорувории таҳияшуда аз ҷониби муаллиф барои татбиқ дар амалияи тиббӣ ҳамчун воситаҳои зиддиилтиҳобӣ, пешоброн ва анксиолитӣ пешниҳод шудаанд. Аҳамияти амалии кори диссертатсионии тақризшаванда аз истифодаи онҳо дар раванди таълими фанҳои тахассусии фарматсевтӣ дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборат аст.

Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо нахустпатенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (№1479, 28.03.2024) тасдиқ шудааст.

Мазмун ва сохтори автореферат, инчунин маълумоти таҷрибавии пешниҳодшуда бо натиҷаҳои ба даст омада ва хулосаҳо мувофиқанд.

Дар кори диссертатсионӣ вазифаи мубрами илмӣ оид ба таҳияи таркиб ва технологияи экстракти хушк дар асоси экстракти хушки мармараки мускатӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд, ҳал шудааст.

Ҳамин тариқ, дар асоси автореферат хулоса баровардан мумкин аст, ки кори диссертатсионии Холзода Сафаралӣ Бегиҷон дар мавзуи «Таҳияи таркиб ва технологияи капсула дар асоси моддаҳои фаъоли биологии мармараки мускатӣ, ки дар Тоҷикистон мерӯяд», таҳқиқоти илмии баанҷомрасида мебошад.

Кор дар мавзуи мубрам, дар сатҳи баланди илмӣ иҷро шуда, дорои навгонии илмӣ ва аҳамияти амалӣ аст ва ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021 №267 (бо тағироту иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) ҷавобгӯ аст ва муаллиф Холзода Сафаралӣ Бегиҷон барои

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисои 6D110401 – Технологияи тавлиди доруворӣ сазовор аст.

Тақриздиҳанда: н.и.фарм. мудири кафедраи фармакология ва микробиологияи МДТ "Донишгоҳи давлатии тиббии Хатлон" Н.Д.Саидов

**Суроға:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф - 3,
Тел: (+992) 982484888;
E-mail: drnekruz@mail.ru

Имзои н.и.фарм. Саидов Н.Д.-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо Асозода С.П.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ХАТЛОН
ШУЪБАИ КАДРҲО

**Суроғаи муассиса:** 735320, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ноҳияи Данғара, кӯчаи И.Шариф - 3,
Тел: (+992) 8331221034;

08.04.с.2025